Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои саноатӣ, ки соҳаи парандапарварии саноатиро муаррифӣ мекунанд, дар вақтҳои охир қисман аз ҳисоби дастгирии давлатӣ ва қисман аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии парвариш дар корхонаҳои саноатӣ суръати хуби рушдро нишон доданд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифа гузошта шудааст, ки «Бо мақсади рушди соҳаи парандапарварӣ дар кишвар ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ ҷорӣ кардани чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва имтиёзҳо доир ба андоз зарур аст. Дар робита ба ин, соҳаи парандапарварӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти озуқа яке аз самтҳои афзалиятнок эълон гардида, воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳа аз ҳамаи андозу пардохтҳо озод карда шавад». Дар баробари ин тадбирҳои бесобиқаи андешидашуда барои дастгирии соҳа дар як муддати кӯтоҳ самараи калон доданд.

Аз автореферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин бармеояд, ки мавзуи интихобшудаи кори диссертатсионӣ пайваста бо барномаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ барои давраи солҳои 2014-2020, «Барномаи рушди соҳаи парандапарварӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021», инчунин бо лоиҳаҳо ва барномаҳои аҳамияти давлатидошта дар соҳаи парандапарварӣ алоқаманд мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Ҳамчунин дар семинарҳо ва конференсияҳои байналмилалии илмӣ-амалии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур инъикос ёфтаанд. Тавсияҳо ва пешниҳодҳои алоҳидаи таҳиякардаи муаллиф дар хоҷагии кооперативии тиҷоратии истеҳсолии Раҳмонҷони ноҳияи Данғара ва корхонаи воҳиди давлатии «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» ҷорӣ карда шудаанд, ки ин бо маълумотнома оид ба татбиқи натиҷаҳои илмии аз ҷониби онҳо тасдиқ гардидааст.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферати диссертатсия, инчунин камбудию норасоӣ низ дида мешавад.

1.Муаллиф ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва навгонии механизми корхонаҳои парандапарварии саноатӣ ҳамчун корхонаҳои саноатии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст, аммо хуб мешуд, ки муалиф механизми корхонаҳои парандапарварии саноатӣ ҳамчун корхонаҳои саноатии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити хавфҳои тиҷоратӣ маврид баррасӣ қарор медод.

2.Дар афтореферати дисертатсия иштибоҳҳои имлоӣ ва техникӣ дар ҷадвалҳо ба назар мерасанд, ки дар баъзе маврид нофаҳмо будани калимаҳо ва ҷадвалҳоро вохурдан мумкин аст, ки онҳо ислоҳшаванда мебошанд.

Эродҳои гуфташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор қайд карда шудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки авторферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.04.02 - иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода М.Р.

Имзои М.Р.Қурбонзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС